**СУРАТМАҶЛИСИ №112**
ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-018 назди
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

10-уми марти соли 2026 ш. Душанбе

Дар ҷаласа иштирок доштанд:
аз 16 нафар аъзои Шуро 15 нафар

**Раиси Шуро:** Азиззода Убайдулло Абдулло

Иштирок доштанд: аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, №16/шд (бо тағйири ҳайат аз 5 июли соли 2024 № 224/шд) тасдиқ гардидааст, иштирок доранд 15 нафар, аз онҳо 5 нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд.

Пешниҳод карда мешавад, ки ҷаласаи Шуро кушода эълон шавад. Марҳамат, ягон пешниҳоди дигар ҳаст? Нест. Қарор қабул карда шуд, ки ҷаласаи шурои диссертатсионӣ кушода эълон шавад.

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

**1. Дар бораи ташкили комиссияи экспертӣ:**

Ба экспертизаи аввалия қабул намудани диссертатсияи Зокирзода Нодира Иномҷон дар мавзуи «Рушди судҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон ва ИДМ: таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030100 – Ҳуқуқшиносӣ (6D030101 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат).

Аъзои шурои диссертатсионӣ пешниҳод намуд, ки барои баррасии диссертатсияи Зокирзода Нодира Иномҷон комиссияи экспертӣ дар ҳайати докторони илмҳои ҳуқуқшиносӣ Шарофзода Р.Ш., Назаров А.Қ. ва номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Шарифзода С.Ш. ташкил карда шавад.

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи Зокирзода Нодира Иномҷон дар мавзуи «Рушди судҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон ва ИДМ: таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030100 – Ҳуқуқшиносӣ (6D030101 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат) барои экспертизаи аввалия қабул карда шавад.
2. Комиссияи экспертӣ дар ҳайати зерин тасдиқ карда шавад:

- доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Шарофзода Р.Ш.;
- доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Назаров А.Қ.;
- номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Шарифзода С.Ш.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** тарафдор - 15 нафар, муқобил - нест, бетараф нест, бюллетени беъэтибор - нест. **Қарор якдилона ҷонибдорӣ гардид.**

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Азиззода У.А.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Қодиров Н.А.